# АХБОРИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ВЕСТНИК УПОЛНОМОЧЕННОГО ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**№1(33) 2020**

Дар се моҳ як маротиба нашр мешавад
Издается один раз в квартал

**ДАР ШУМОРА:**
**В НОМЕРЕ:**

Маърӯзаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2019 тахия гардиданд

Солимии ҷомеа – пешрафти давлат

Нақши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар амалисозии ҳуқуқи шаҳрвандон ба интихобот

Натиҷагирӣ аз фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2019

Вопросы терроризма, экстремизма и совершенствования деятельности органов правопорядка в послании Лидера нации

Баргузории нишасти матбуотии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Приоритеты внешней политики Республики Таджикистан в послании Президента Республики Таджикистан к Маджлиси Оли Республики Таджикистан

Таҷассуми муқаррароти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастгирии соҳибкорӣ дар Паёми навбатӣ

Мизи мудаввар бахшида ба тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон




*«Миллати тоҷик ҷашни Наврӯзро дар тӯли садсолаҳо ба монанди забони модарӣ ҳифз намуда, дар замони навин онро ҷузъи таркибии ҳувияти миллӣ ва мояи сарбаландии маънавии худ медонад».*

**Эмомалӣ Раҳмон**

**Маҷалла**
**дар Вазорати фарҳанги**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 7 майи соли 2012 таҳти № 0165/мҷ**
**ба қайд гирифта шудааст.**

**Бобозода Умед (Сармуҳаррир).**

**Ҳайати таҳририя:**
Ализода З., Ашуриён М.Қ.,
Р.Ҳабибулозода, Ҳакимиён С.,
Ашӯров М.У., Содиқов А.,
Раҷабов Ш., Қодирӣ С.А.,
Шарафов П.Р. (Котиби масъул)

**Суроға: 734025, ш. Душанбе,**
**хиёб. Рӯдакӣ 78,**
**Тел: 221–79–89, 221–79–69**
**info@ombudsman.tj**
**www.ombudsman.tj**

**Ба чопаш 6.04.2020 имзо шуд.**
**Адади нашр 200**

***

**Ахбори мазкур**
**дар ҶДММ «Абдулло ва Искандар К°»**
**нашр шудааст**

**Суроғаи намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаҳо:**

ш. Бохтар: к. Б. Ғафуров, 11,
тел.:(+8)3222-2-79-32;

ш. Хоруғ: к. Ленин, 25,
тел.: (+8)3522-2-32-84;

ш. Хуҷанд: к.Фирдавсӣ, 120,
тел.:(+8)3422-6-28-68;

ш. Кӯлоб: к. И.Сомонӣ, 36,
тел.: (+8)3322-2-22-93;

н. Айнӣ: к. Рӯдакӣ, 27,
тел.: (+8)3479-2-28-24;

н. Қубодиён: к. И. Сомонӣ, 36,
тел.: (+8)3251-2-26-35.

**Ҳамаи хизматрасониҳои намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ ройгон мебошанд.**

## МАЪРӮЗАҲОИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК БАРОИ СОЛИ 2019 ТАҲИЯ ГАРДИДАНД




Тибқи моддаи 24 ва 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маърӯзаҳои навбатии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар асоси таҳлили вазъи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон, пешрафту дастовардҳо ва мушкилоту норасоиҳои самтҳои алоҳидаи ҳуқуқи инсон дар соли 2019 таҳия ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

Ҳамчунин Маърӯзаҳо барои дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолият менамоянд ва аҳли ҷомеа пешбинӣ шуда, дар матбуоти чопӣ ва электронӣ нашр карда мешаванд.

Дар маърӯзаҳо фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар соли 2019 натиҷагирӣ карда шуда, вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ, ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд, ҳуқуқ ба муроҷиат, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила, ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳуқуқи маъюбон, ҳуқуқ ба саломатӣ, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил, ҳифзи саломатӣ, фардият, озод будан аз шаклҳои бадтарини меҳнат ва ҳуқуқҳои кӯдакони бештар осебпазир, аз ҷумла кӯдакони маъюб, кӯдакон дар низоми адолати судӣ ва кӯдакони зери таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ қарордошта мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар баробари ин, дар маърӯзаҳо таҳлили вазъи риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, мушкилоти ҷойдошта дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо, корҳои анҷомдодашуда доир ба барқарорсозии ҳуқуқҳои халалдоршуда, тавсия ва пешниҳодҳо оид ба роҳҳои ҳалли камбудиҳо ва норасоиҳои мавҷуда баён шудаанд. Хулосаҳо дар асоси муроҷиатҳои шаҳрвандон ва мониторингҳои гузаронидашуда, инчунин иттилооте, ки аз мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва васоити ахбори омма ба даст омадаанд, пешниҳод карда шудаанд.

Мақсади асосии маърӯзаҳои мазкур ҷалб намудани таваҷҷӯҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба пешрафт ва мушкилоти ҷойдошта дар бахши ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва кӯдак дар Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин, маърӯзаҳо тақозо менамояд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ масъалаҳои мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, барои бартараф намудани камбудию норасоиҳои мавҷуда дар роҳи татбиқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф кардааст, чораҳои мушаххас андешанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон итминон дорад, ки мақомоти дахлдори давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳое, ки дар Маърӯзаҳои солонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак омадаанд, чораҳои зарурӣро меандешанд ва дар пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм мегузоранд.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ***

## СОЛИМИИ ҶОМЕА –ПЕШРАФТИ ДАВЛАТ



Саломатӣ маҷмӯи сифатҳои ҷисмонӣ ва маънавии инсон буда, барои татбиқи нақшаҳои эҷодӣ ва меҳнатии пурмаҳсул ба манфиати давлат шарти зарурӣ мебошад. Ҳамчунин мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки давлате, ки аҳолии солим дорад, ба нишондиҳандаҳои баланди соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил гаштааст.

Ҳифзи саломатӣ яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба шумор рафта, он дар моддаи 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст. Ҳамчунин аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқ ба саломатӣ тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд. Аз ҷумла, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии имунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020, Барномаи миллӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва ғайраҳо қабул гардидаанд.

Соли 2019 дар ҷумҳурӣ 154 муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сохта ба истифода дода шуда, бо технологияҳои муосир муҷҷаҳаз гардиданд. Маблағгузории соҳа низ сол аз сол беҳтар мегардад.

Дар ин раванд дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» бори аввал дар МД «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маркази мубориза бар зидди гепатитҳои вирусӣ таъсис дода шуда, сохторҳои он дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ марҳила ба марҳила ба фаъолият шурӯъ мекунанд.

Дар баробари дастовардҳо, дар ин самт баъзе мушкилот низ ҷой доранд. Зиёд шудани бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла вируси норасоии масъунияти одам, бемориҳои сил, диабети қанд ва ғайраҳо.

Солимии аҳолӣ аз таъмини шаҳрвандон бо маводи доруворӣ босифат вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз истеҳсоли маводи доруворӣ ватанӣ сол аз сол зиёд шуда, танҳо соли 2019 се корхонаи истеҳсоли маводи доруворӣ ва коркарди гиёҳҳои шифобахш дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Данғара ва мавзеи Сарихосори вилояти Хатлон ба фаъолият шурӯъ кард.

Новобаста аз ин, ҳоло ҳам таъмини аҳолӣ бо маводи доруворӣ ва молҳои тиббии босифат, аз ҷумла кам будани номгӯи маводи доруворӣ истеҳсоли ватанӣ, рақобатнопазирии он дар бозори ҷаҳонӣ, воридшавии маводҳои доруворӣ пастсифат бо роҳи қочоқ ва ғайраҳо беҳбудиро тақозо мекунад. Бештари маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ ба ҷумҳурӣ аз хориҷи кишвар ворид мегарданд, ки нархи гарон дошта, дастраси умум намебошанд. Аз санҷишҳои мақомоти ваколатдори соҳа бармеояд, ки соли 2019 1394 номгӯи маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ, ки мӯҳлати истифодабариашон гузаштааст ё ба талаботҳои пешбинишуда ҷавобгу нестанд, ба миқдори 132 787 адад аз муомилот гирифта шудаанд.

Мушкилоти дигари ҷаҳони муосир дар самти ҳифзи саломатии аҳолӣ авҷ гирифтани шаклҳои нави бемориҳои сироятии коронавирус (COVID-19) мебошад. Бояд қайд намуд, ки ин беморӣ охири моҳи декабри соли 2019 дар Ҷумҳурии Чин ба қайд гирифта шуда, дар аксари мамлакатҳо босуръат паҳн гашта истодааст. Бо дарназардошти хатарнок будани вируси мазкур Созмони умумии тандурустӣ (ТУТ) 11 марти соли 2020 хурӯҷи короновирусро (COVID-19) пандемия эълон кард.

Хушбахтона тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 30 марти соли 2020 сироятёбии шаҳрвандон ба вируси нав COVID-19 ба қайд гирифта нашудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии интиқол ва сирояти коронавируси COVID-19 тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Аз ҷумла, бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № АП-1365 аз 18 марти соли 2020 ситоди ҷумҳурявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (COVID-19) таъсис дода шудааст.

Дар заминаи ин амр ситоди дохилиидоравии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон № 524 аз 22 марти соли 2020 оид ба пурзӯр намудани чораҳои зидди-эпидемикӣ барои интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (COVID-19) таъсис дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон телефони боварии Маркази иттилоотии зиддибӯҳрониро вобаста ба масъалаҳои пешгирӣ ва назорати сироятӣ COVID-19-ро таҳти рақами 511 фаъол намудааст, ки шаҳрвандон метавонанд ҳангоми пайдо шудани нишонаҳои вируси мазкур ва ё барои гирифтани маълумоти зарурӣ дар давоми 24 соат дар тамос бошанд.

Тамоми сокинони кишварро зарур аст, ки дар ин лаҳзаҳои ҳассос пеш аз ҳама қоидаҳои санитарию эпидемиологиро риоя намуда, корҳои фаҳмондадиҳиро ҷиҳати пешгирӣ аз паҳн шудани вируси мазкур пурзӯр намуда, барои пешгирии ҳар гуна овозаҳои беасос саҳм гузоранд.

Танҳо дар ҳамбастагӣ ва бо риояи бечунучарои қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ ҷомеа метавонад садди роҳи ҳама гуна бемориҳои сироятӣ гардад.

*Ш. Раҷабов,*
*сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## НАҚШИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН БА ИНТИХОБОТ

Интихоботи озод ва демократӣ яке аз арзишҳои тамаддуни муосир ва инъикоскунандаи ҳокимияти воқеии халқ ба шумор меравад.

Эъломияи ҳуқуқи инсон дар моддаи 21 эълон менамояд, ки «Иродаи халқ бояд асоси ҳокимияти давлатӣ бошад; ин ирода бояд ба воситаи интихоботи давра ба давра, бидуни сохтакорӣ, тавассути ҳуқуқи интихоботи умумӣ, баробар ва бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ ё тавассути шаклҳои дигари баробар, ки овоздиҳии озодро таъмин менамоянд, ба амал бароварда шавад».

Дар моддаи 25 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешбинӣ шудааст, ки «Ҳар як шаҳрванд бояд бидуни ягон навъи табъиз ва маҳдудиятҳои беасос ҳуқуқ ва имкониятҳои дар интихоботи озоди даврӣ, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ ва баробар бо овоздиҳии пинҳонӣ ва таъминкунандаи иродаи озоди интихобкунандагон доир карда мешаванд, овоз диҳад ва интихоб шавад».

Мазмун ва принсипҳои асосии таъмини ҳуқуқ ба интихобот инчунин дар Мулоҳизоти тартиби умумии Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон аз соли 1996 № 25, Ҳуҷҷати Копенгаген (соли 1990), Кодекси амалияи беҳтарин дар соҳаи интихобот ва дигар санадҳои байналмилалӣ мустаҳкам карда шудааст.

Ҳуқуқи интихобот, ки дар моддаҳои 6 ва 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, шакли ифодаи озоди иродаи халқ ва иштироки он дар раванди сиёсӣ мебошад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи интихобот — қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи

вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва дигарҳо кафолати ҳуқуқи интихоботро тақвият дода, шаффофият ва дастрасии озоди овоздиҳиро баланд бардоштанд.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ корҳои омодагӣ ба интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар сатҳи баланд ҷараён доранд.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ шумораи зиёди шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ фаъолият мебаранд, ки ба ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо тавассути озод баён намудани фикру мулоҳизаҳои худ оид ба вазъи иқтисодию сиёсии кишвар ва барномаҳои пешазинтихоботиашон шароит фароҳам овардаанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 баргузории интихобот яке аз вазифаҳои муҳими давлат ҳисобида шуда, вобаста ба ин дар Паём дастур дода шуд, ки он ба таври демократӣ ва озоду шаффоф баргузор карда шуда, аз ҳар фарди ҷомеа тақозо карда шуд, ки дар гузаронидани ин чорабиниҳои сиёсӣ фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро нишон диҳанд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат ба риоя ва барқарорсозии ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон мебошад. Чунки ҳар гуна дур шудан аз қонунгузории интихоботӣ ҳуқуқи шаҳрвандонро паст зада, нисбат ба ниҳоди ҳокимияти халқӣ боввариро коста мегардонад.

Бо мақсади баланд бардоштани огоҳии шаҳрвандон оид ба масъалаҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва мониторинги рафти интихобот дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи чорабиниҳо таҳия карда шуд, ки масъалаҳои зеринро дарбар мегиранд: гузаронидани корҳои маърифатнокӣ оид ба баланд бардоштани фарҳанги интихоботӣ, мониторинги рафти интихобот, бурдани корҳои фаҳмонидадиҳӣ оид ба ҳуқуқи интихоботӣ, мушоҳидаи амалҳои аъзои комиссияҳои интихоботӣ (супоридани бюллетенҳо, санҷиши ҳуҷҷати шаҳрвандон ва дигарҳо), санҷиши вазъи бино, кабинаҳо ва қуттиҳои овоздиҳӣ, санҷиши мавҷудияти шароит барои овоздиҳии маъюбон ва шахсони камҳаракат ва дигарҳо.

Барои қабул ва баррасии муроҷиатҳо вобаста ба интихобот қабули ҳаррӯзаи шаҳрвандон дар дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба роҳ монда шудааст.

Дар давраи омодагӣ ва гузаронидани чорабиниҳои интихоботӣ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамкориҳои судманди худро бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин миссияҳои мушоҳидон ба роҳ мондааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст ҳамкориҳоро дар ин самт боз ҳам тақвият бахшад.

Аз натиҷаи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти мазкур маълумотномаи таҳлилӣ омода карда шуда, минбаъд натиҷаҳои онҳо дар Маърӯзаи навбатӣ пешниҳод мегардад.

Аз тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ даъват ба амал бароварда мешавад, ки дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ бо дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ иштирок намоянд ва ба номзадии арзандаи худ овоз диҳанд.

***М.Ашӯров,***
***сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсииДастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқиинсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2019



Рӯзи 6 январи соли 2020 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо иштироки роҳбарият ва кормандон вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти мақомот дар соли 2019 маҷлиси ҷамъбастӣ баргузор гардид.

Нахуст У.Бобозода — Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба натиҷаҳои фаъолияти мақомот дар ин давра сухан ронда, қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои фаъолияти мақомот дар муқоиса бо соли 2018 беҳтар гардидааст. Чунин раванд бояд идома дода шуда, дар самти амалисозии нақшаҳои дар мақомот амалишаванда чораандешӣ карда шавад. Инчунин дар масъалаи қабули мурочиатҳо, баррасии мурочиатҳо, муросилоти аз дигар мақомот воридгардида, баррасии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иштироки кормандон дар гурӯҳҳои корӣ, иштирок дар семинару конференсия ва мизҳои мудаввар, гузаронидани мониторингу санҷишҳо, баромад дар ВАО ва оид ба дигар масъалаҳо кормандони шуъбаҳои мақомот баромад намуданд.

Ҳамчунин қайд карда шуд, ки соли сипаригашта мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба якчанд дастовардҳои назаррас ноил гардид, аз ҷумла баргузории Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва дурнамо”, таҳия ва қабули “Харитаи роҳ оид ба ҳамкории ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсони Осиёи марказӣ” дар якҷоягӣ бо Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони давлатҳои Ӯзбекистон, Қазоқизстон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон, шомил шудан ба узвияти Алянси авруосиёии омбудсменҳо ва ғайраҳо.

Ҳамчунин аз рӯи барнома ҳисоботи роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомот оид ба қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ, баргузории санҷишу мониторингҳо, иштирок дар семинару машваратҳо, иҷрои нақшаҳои корӣ ва дигар масъалаҳо шунида шуд.

Сипас фаъолияти воҳидҳои сохтории мақомот ва кормандони он мавриди таҳлил ва муҳокима қарор гирифта, аз ҷониби роҳбарият ҷиҳати тақвият додани корҳо ва иҷрои пурраи барномаи амали мақомот барои соли 2020 дастурҳои мушаххас дода шуд.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ***

# ВОПРОСЫ ТЕРРОРИЗМА, ЭКСТРЕМИЗМА И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОРГАНОВ ПРАВОПОРЯДКА В ПОСЛАНИИ ЛИДЕРА НАЦИИ



26 декабря 2019 года Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в столичном дворце «Кохи Сомон» выступил с очередным традиционным ежегодным посланием к парламенту республики.

В своем послании глава государства подвел итоги уходящего года и определил приоритеты на 2020 год, включая вопросы предупреждения и пресечения случаев экстремизма и терроризма, особенно среди молодежи, так как ужасающие террористические акты, которые в последние годы происходят в различных уголках мира и становятся причиной гибели тысяч невинных людей, показывают, что терроризм сегодня превратился в серьезную угрозу миру и стабильности стран планеты и развитию человечества.

«В лице международного терроризма человечество сегодня столкнулось с безжалостным и коварным врагом, который попирает все нормы морали и общечеловеческие ценности, и для достижения своих целей не гнушается ничем», подчеркнул с своей речи глава государства.

Действительно, террористические организации с использованием современных информационных технологий и путем корыстных комментариев религиозных источников насаждают в сознание малоопытной и несведущей молодежи идеи радикализма и агитируют их на убийства, нарушение безопасности, стабильности и спокойствия в различных странах.

Лидер нации, Президент страны особо подчеркнул важное условие достижения успеха в борьбе с терроризмом и экстремизмом как скоординированная и эффективная деятельность органов правопорядка и укрепление правовых основ регулирования их деятельности в этом направлении.

Вместе с тем настало время совершенствования Закона Республики Таджикистан «О борьбе с терроризмом», принятого двадцать лет тому назад, с реалиями настоящего времени, поэтому соответствующим Министерствам и ведомствам поручено разработать и представить Правительству страны проект закона в новой редакции.

В Послании говорилось и о незаконном обороте наркотических средств, которое является одним из основных источников финансирования деятельности большинства экстремистских и террористических организаций.

Поэтому уполномоченным органам государственной власти поручено принять неотложные меры для внесения изменений и дополнений в уголовное законодательство

Известно, что коррупция является одним из серьезных преград на пути устойчивого развития страны и может подорвать авторитет государства на международной арене, стать причиной недовольства граждан деятельностью государственных органов и структур.

Хотя в нашей стране для предотвращения и устранения коррупционных факторов и расширения сотрудничества с гражданским обществом созданы необходимые правовые и структурные основы, однако анализ обращений граждан показывает, что деятельность некоторых государственных органов и их должностных лиц в этом направлении еще не отвечает соответствующим требованиям.

Поэтому, Президент государства в своем Послании поручил руководителям министерств и ведомств, местных исполнительных органов государственной власти уделять первостепенное значение вопросу правильного подбора и расстановки кадров, воспитания их в духе честности и уважительного отношения к гражданам.

Также руководителям правоохранительных органов и силовых структур поручено постоянно совершенствовать систему управления военными подразделениями, предупреждения и взаимоотношения по оперативной ситуации, и очень серьезно относиться к вопросу защиты безопасности инфраструктуры системы.

*Н. Хамидов,*
*Руководитель Представительства Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан по Согдийской области*

## БАРГУЗОРИИ НИШАСТИ МАТБУОТИИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




Санаи 30 январи соли ҷорӣ дар толори Маркази матбуоти ҷумҳуриявӣ нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2019 баргузор гардид.

Дар нишасти матбуотӣ У. Бобозода — Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, А. Сатторзода — Сардори Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони масъули мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва намояндагони ВАО иштирок намуданд.

Нахуст, Умед Бобозода баромад намуда, оид ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2019 маълумоти мухтасар пешниҳод намуд.

Зимни баромади худ У. Бобозода аз дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти риоя, эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон сухан ронда, қайд намуд, ки соли 2019 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон зимни суханронии худ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомот, рушди ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба рӯзноманигорон маълумот дода, оид ба нақшаҳои ояндаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фикру андешаҳои худро баён намуд.

Дар идомаи нишасти матбуотӣ аз ҷониби рӯзноманигорон вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқи шахсони имконияташон маҳдуд, ҳуқуқи дастрасӣ ба таҳсил, ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ, ҳуқуқи муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо, ҳуқуқҳои кӯдакон, ҳуқуқ ба меҳнат ва самтҳои дигари ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саволҳо ва таклифу пешниҳодҳо баён карда шуданд. Ба саволҳои рӯзноманигорон аз тарафи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони масъул ҷавобҳои муфассал ва қонеъкунанда дода шуданд.

Нишасти матбуотӣ дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор гардида, ба иштирокчиён шумораи нави «Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Варақаи иттилоотӣ (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) омода ва дастрас карда шуд.

Дар интиҳои нишасти матбуотӣ изҳори боварӣ карда шуд, ки минбаъд низ ҳамкориҳои судманди мақомот бо васоити ахбори омма идома ва тавсеа меёбанд.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ***

## ПРИОРИТЕТЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПОСЛАНИИ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН К МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН



26 декабря 2019 года Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон обращался с посланием к Парламенту Республики Таджикистан.

В своем очередном послании Президент Республики Таджикистан, подробно озвучил приоритетные направления внутренней и внешней политики республики на ближайшие годы, проанализировав нынешнее состояние развития всех сфер деятельности, в том числе, обеспечения развития экономики, промышленности, энергетики, транспорта, коммуникации, безопасности, правопорядка, здравоохранения, образования, науки, культуры, социальной защиты, молодежи, спорта, туризма, поставил конкретные перед ответственными лицами, таджикского народа, всех людей в стране.

Внешняя политика является одним из основных направлений государственной политики и деятельности Правительства Республики Таджикистан. Взглянув на 29-летнюю историю независимости страны, мы видим, какая ценная работа была проделана в этом важном направлении и как большое количество инициатив реализуется на международной арене для повышения потенциала страны.

Нужно отметить, что в своем Послании Лидер нации Эмомали Рахмон, определив основные направления внешней политики, особо отметил, что сегодня Республика Таджикистан на международной арене завоевала авторитет и признана как страна, проводящая миролюбивую и созидательную внешнюю политику.

И это утверждается тем, что нынешняя внешняя политика основана на установлении и развитии взаимовыгодных равноправных связей и контактов со всеми государствами, содействии укреплению мира и международной безопасности. Специфические задачи Таджикистана во внешней политике определяются его географическим положением и рядом других факторов.

Формирование и реализация внешней политики, ядром которой является политика «открытых дверей», является одним из величайших достижений нашего государства за годы независимости.

Глава Таджикистана Эмомали Рахмон в своем выступлении перед парламентом отметил, что «благодаря политике именно «открытых дверей», являющейся сутью международных отношений Таджикистана, мы сумели наладить и укрепить добрые связи и полезное сотрудничество со многими государствами мира». Именно, благодаря этой политике и вовлечению в плодотворное сотрудничество широкого круга стран, в стране реализуются многочисленные проекты в области промышленности, энергетики и связи, которые заложили прочную и надежную основу для устойчивого развития нашего государства.

Роль Эмомали Рахмона очень важна в освещении ключевых целей и методов внешней политики и национальной дипломатии Таджикистана.

Выступая в ООН впервые 29 сентября 1993 года, Глава Таджикистана уважаемый Эмомали Рахмон представил мировому сообществу конструктивные планы и мирные цели, достижение национального единства, а также укрепление сотрудничества со всеми дружественными и миролюбивыми странами мира. В связи с этим, основными направлениями, имеющие огромное значение, является активное участие Таджикистана в решении международных и региональных проблем, где страна добилась ярких успехов. Такими достижения являются, в частности, инициатива нашей страны по эффективному управлению водными и энергетическими ресурсами, борьбе с международным терроризмом, экстремизмом и незаконным оборотом наркотиков, а также преодолению сложившие отношений с Афганистаном, которые широко поддерживаются мировым сообществом и постепенно реализуются.

Как отмечает Лидер нации «безопасность и стабильность нашего региона, прежде всего, связаны с ситуацией в Афганистане и дальнейшее продолжение конфликтов и раздора в Афганистане может обернуться для этой страны и для

всего региона долгосрочными отрицательными последствиями». Исходя из этого, Таджикистан всесторонне поддерживает усилия Правительства Афганистана по нахождению мирных путей нормализации военно-политической ситуации и обеспечению устойчивого социально-экономического развития.

Роль Уполномоченному по правам человека, как одним из механизмов государственного управления, в осуществлении и поддержания внешней политике Правительства Республики Таджикистан, является всесторонним и дальновидным. Основной задачей Уполномоченного по правам человека Республики Таджикистан является созданием благоприятных условий для организации и осуществления сотрудничества между национальных правозащитных учреждений (омбудсменов) других стран по обеспечению уважения и защиты прав и свобод гражданина и человека, гарантированных Конституцией страны, который также считается одним из приоритетных направлений внешней политики нашей страны.

Международное сотрудничество Уполномоченного по правам человека Республики Таджикистан год от года расширяется и укрепляется и согласно с международными правовыми актами Республики Таджикистан, в частности Парижскими принципами (принципы, связанные со статусом независимых национальных организаций по правам человека) принятие Генеральной Ассамблеей ООН в 1993 г. Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан осуществляет двусторонние и многосторонние сотрудничества в сфере обеспечения защиты прав человека.

Увеличивается и число встреч Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан с институтами Омбудсменов других стран. Так, например, в 21-22 месяца мая 2019 года по инициативе Уполномоченного по правам человека в гостинице "Хаятт Редженси Душанбе" было проведено Международная научно-практическая конференция «Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан: достижения и перспективы». На данной конференции участвовали руководители и представители многих национальных правозащитных институтов большинства стран, в том числе и представители государственных органов и структур гражданского общества, представители международных межправительственных организаций в Душанбе, представители дипломатических корпусов, аккредитованных в Душанбе и СМИ; с декабря 2019 года Офис Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан стал полноправным членом Евразийского Альянса Омбудсменов после подведения итогов III-Международной научно-практической конференции, проходящей в городе Москвы, Российской Федерации; 14 февраля 2020 года было проведено встреча Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан господина Умед Бобозода с Омбудсменом Республики Грузии госпожой Нино Ломджария в рамках плана рабочей группы по подготовке проекта Закона Республики Таджикистан «О защите от дискриминации» в городе Тбилиси, Республики Грузии.

Таким образом, с уверенностью можно отметить, что и в дальнейшем будет развиваться сотрудничества Уполномоченного по правам человека Республики Таджикистан с другими национальными правозащитными учреждениями и международными организациями, с целью обеспечения уважения и защиты прав и основных свобод человека.

***Салихов З.И.,***
***Помощник Уполномоченного***
***по правам человека в***
***Республики Таджикистан***

## ТАҶАССУМИ МУҚАРРАРОТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид 10-уми декабри соли 1948, бо дарназардошти ба ҳама инсоният хос будани эътирофи қадру қимат, асоси адолат ва сулҳи умум ба ҳисоб рафтани баробарҳуқуқию дахлнопазирии инсон ва тавассути қудрати қонун ҳимоя карда шудани ҳуқуқи инсон, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсонро қабул намуда, иҷрои талаботи онро вазифаи ҳамаи халқҳо ва давлатҳо эълон дошта аст.

Албатта, муқаддас эътироф гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мундариҷи Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, ки ҳамчун санади асосии байналмилалӣ муқаррароти умумӣ доир ба шараф ва арзиши шахсияти инсонро тазим намудааст, ба сифати маҳаки муайянкунандаи вазъи ҳуқуқию сиёсии шахс бозтоб мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати демократию ҳеқуқбунёд арҷгузорӣ ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он ба сифати мароми халқ дар муқаддимаи Конститутсияи кишвар таҷассум ёфта, муҳтавои меҳварии сиёсати пешгирифтаи давлати муосири миллии тоҷикро ифода менамояд. Бо ҳамин манзур, дар радифи таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, мувazзаф ба эъмори давлати адолатпарвар будан, муқаддас шуморидани озодӣ ва ҳуқуқи шахс мақсади халқи Тоҷикистонро ҷиҳати қабул ва эълони Конститусиия - санади олии меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар маъно мебахшад.

Ташаккули вазъи ҳуқуқи инсон ва низоми ҳуқуқу озодиҳои он дар қонунгузории миллӣ вобастагӣ дорад аз алоқамандии он ба санадҳои асосии байналмилалии оид ба ҳуқуқи инсон. Дар санадҳои байналмилалии дахлдор ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҷудонопазири инсон, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ, қадр, номус, шараф, эътибор ва дахлнопазирии шахсӣ арзиши олӣ эътироф гардида, ин нишондод дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мантиқан, инкишоф ёфтааст.

Ба ин манзур, Конститусиияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд [мод. 14].

Табиист, ки кафолати конститутсионии эъмори давлати ҳуқуқбунёд таҷассумкунандаи зинаи олии инкишофи ҳуқуқ буда, ин талабот такмил ва тақвият бахшидани заминаҳои ҳуқуқи ҷомеаро тақозо менамояд. Ҷиҳати таҳкими низоми ҳуқуқӣ, ки дар он санадҳои ҳуқуқии аз ҷониби умум эътирофгардида нақши назаррас доранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муҳим амалӣ мешавад. Бо ҳамин маъно, ҳамгироӣ ва наздик шудан ба низоми ҳуқуқии муосири байналмилалӣ ҳамчун василаи муҳимтарини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нақш мебозад.

Дар санадҳои асосии байналмилалии оид ба ҳуқуқи инсон озодӣ ва баробарии одамон аз лиҳози шарафу ҳуқуқ эътироф карда шуда, ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ доштани онҳо тарғиб гардидааст (моддаи 1; 3-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва моддаи 6; 9-и Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ). Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон баробарии ҳамаи одамонро дар назди қонун пешбинӣ намуда, бидуни тафовути табиию иҷтимоӣ ҳуқуқ ба ҳимояи қонунӣ доштани онҳоро муқаррар намудааст (м. 7), ки мазмунан, ин муҳтаво дар Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (м. 2; 3) ва Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (м. 2; 3; 26) низ инъикоси худро ёфтааст. Дар ҳамин замина, ҳуқуқи шахс барои тавассути судҳои босалоҳияти миллӣ пурра барқарор намудани ҳуқуқҳои асосии поймол гардидааш, ки Конститутсия ё қонуни дигар муайян намудааст, ба танзим даровarда шуда аст (м. 8-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон; қ. 3-и м. 2; м. 14-и Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бадаст овардани Истиқлолияти давлатӣ бори нахуст, дар сатҳи конститутсионӣ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ё арзиши олӣ шинохта шуда аст.

Дар ин росто дахлнопазирии ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон муқаррар гардида, аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат дода шудааст (моддаи 5).

Чуноне, ки аз муҳтавои фавқуззикр бармеояд, кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба давлат ва сохторҳои он тааллуқ дошта, давлат уҳдадор аст, ки барои аз ҷониби шахс амалӣ гардидани ин ҳуқуқу озодиҳо имконияти мусоид ба вуҷуд биорад. Бо ибораи дигар метавон шарҳ дод, ки уҳдадории давлат ҷиҳати таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ба вуҷуд овардани шароити мусоид, барои аз тарафи онҳо пиёда намудани ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодашуда, тахассум меёбад.

Дар ҳамин росто, идомаи мантиқии он дар санадҳои муҳими меъёрии миллӣ густариш ёфта, дар низоми ҳуқуқ ва қонунгузории кишвар мустаҳакам гардида, ба сифати пояи аслии давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муқаррар гардидааст. Гузашта аз ин метавон тазакур дод, ки ин ғоя вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро тобиши конститутсионӣ бахшида, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва афзалиятноки мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҳамин вобастагӣ муқаррароти қисми 2 моддаи 14 Конститутсияи кишвар пешбинӣ менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин карда мешаванд.

Дар идомаи мантиқии муҳтавои фавқуззикр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарии ҳамаро дар назди қонун ва суд пешбинӣ намуда, ба ҳар кас, сарфи назар аз ҳамагуна тафовутҳои миллию, нажодӣ, ҷинсият, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳо будани давлатро эълон дошта аст. Гузашта аз ин, дар ҳамин росто баробарҳуқуқии занон ва мардон дар сатҳи муқаррароти конститутсионӣ мустаҳакам гардидааст. (моддаи 17).

Дар партави муқаррароти санадҳои асосии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахлнопазирии шахсро ҳамчун ғояи хусусияти демократидошта мустаҳакам намуда (моддаи 18), кафолати ҳифзи судӣ (моддаи 19) ва қонунан ҳифз гардидани ҳуқуқи ҷабрдидаро (моддаи 21) пешбинӣ намудааст.

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон худсарона суиқасд ва дахолат намудан ба ҳаёти шахсӣ, оилавӣ, дахлнопазирии манзил, сирри мукотибот, шараф ва обрӯи шахсро махкум намуда, дар чунин маврид ҳуқуқи истифода аз ҳимояи қонунӣ доштани ҳар як инсонро муқаррар намудааст (м. 12), ки ин таъинот дар Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (м. 17) низ, идомаи мантиқии худро ёфтааст.

Гузашта аз ин, дар матни моддаҳои 13; 14; 15; 16; 17; 18 ва 19-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва моддаҳои 12; 18; 19; 23-и Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ муқаррарот оид ба ҳуқуқи рафтуомади озод, интихоби озодонаи маҳали зист ва тарки он, ҳуқуқи истифода намудан аз паногоҳи сиёсӣ, ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ, ба бунёди оила, ба моликият, ба озодии афкор, виҷдон, дин ва озодии баён доштани ҳар шахс мушахасан ва дақиқан мустаҳакам гардидааст, ки зимнан давлатҳои иштирокчиро ҷиҳати инкишоф додани ин таъинот дар қонунгузории миллии худ ва дар амал татбиқ намудани нишондодҳои он уҳдадор месозад.

Басо мантиқӣ аст, ки ин таъинот дар мундариҷаи моддаҳои 22; 23; 24; 26; 30; 32; 33 ва 36-и Конститусиияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, таҷассум ёфта, дар дигар санадҳои марбутаи меъёрӣ-ҳуқуқи миллӣ инкишоф ёфтааст.

Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои асосии байналмилалии оид ба ҳуқуқи инсон расман эътироф гардида, табиист, ки таъсири он ба Конститутсия-санади олии меъёрӣ-заминавӣ ва дигар санадҳои меёрӣ-дохилии кишвар бараъло эҳсос мегардад. Дар асоси талаботи Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофкардашуда қисми таркибии низоми ҳуқуқии миллӣ маҳсуб гардида, дар сурати мутобиқат накардани қонунҳои ҷумҳурӣ ба онҳо меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал менамоянд (моддаи 10).

Дар санадҳои асосии байналмилалии оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқи бевосита ва ё бавоситаи намояндагон дар идораи давлати худ иштирок намудани шахс ва баробарҳуқуқии онҳо тарғиб гардида, иродаи халқ асоси ҳокимияти ҳукумат ҳисобида шудааст.

Ҳамчунин, вобаста бо тартиботи иҷтимоию байналмилалие, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои дар санадҳои асосии байналмилалии оид ба ҳуқуқи инсон таҷассумёфта пурра таъмин карда мешавад, ҳуқуқи ҳар як инсон ба таъминоти иҷтимоӣ, интихоби озодонаи кор ва шароити одилонаи меҳнат, таъсиси иттиҳодияҳои касаба, инкишофи озодонаи шахсият, истироҳату фароғат, саломатии ҷисмонӣ, тахсил, иштироки озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, озодона муайян намудани мақоми сиёсии худ, ва ҳуқуқ ба ҳифзи манфиатҳои моддию маънавии худ ба танзим дароварда шудааст (м. 21; 22; 23; 24; 25; 26; 27; -и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон; м. 1; 6; 7; 8; 9; 11;12; 13; 14; 15;-и Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; м. 1; 22; 25; Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ).

Бояд тазакур дод, ки таъиноти умумиэътирофгардидаи оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар санадҳои асосии байналмилалии дахлдор инъикос гардида, дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллии давлатҳои иштирокчӣ дар сатҳи гуногун, мантиқан идома ёфтаанд, дар ҷодаи таъмин намудани ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд омили муҳими заминавӣ ба ҳисоб меравtotand. Бо ин манзур, боназардошти дурнамои рушду инкишофи кишвар ва аҳамияти муносибатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ дар мундариҷаи моддаҳои 27; 28; 35; 37; 38; 39; 40; ва 41-и Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти болозикри санадҳои асосии байналмилалии оид ба ҳуқуқи инсон инкишофи мантиқии худро дарёфтаанд.

Санадҳои дахлдори байналмилалӣ давлатҳои иштирокчиро уҳдадор месозад, ки дар вазъияти фавқулода, уҳдадории худро ҷиҳати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, танҳо дар ҳадди муайян маҳдуд намоянд. Масалан, дар асоси муқаррароти Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ: "Ҳангоми ба вуҷуд омадани вазъияти фавқулодда... давлатҳои иштироккунандаи ҳамин Паймон метавонанд бо инҳироф аз уҳдадориҳои худ аз рӯйи ҳамин Паймон ба андозае тадбир андешанд, ки чунини андозаро шиддати вазъият тақозо мекунад... чунин тадбирҳо бо дигар уҳдадориҳои онҳо аз рӯи ҳуқуқи байналмилалӣ мухолиф набошанд..." (моддаи 4).

Дар ҳамин алоқамандӣ, матлаби мазкур дар қонунгузории дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон идомаи мантиқии худро ёфтааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 47-и Конститутсияи кишвар, дар давраи вазъияти фавқулодда, ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 25, 28-и Конститутсия пешбинӣ шудааст, маҳдуд карда намешавад.

Ҳамин тавр метавон хулоса намуд, ки вазъи мураккабгаштаи ҷаҳони муосир, зуҳур ва ташаккули бесобиқаи унсурҳои хатарзо дар манотиқи гуногуни он муътадилии танзими муносибатҳои ҳуқуқии ҷомеаи муосирро мушкил гардонида, таваҷҷӯҳи хосса доштани ҳар як давлатро ҷиҳати эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тақозо менамояд.

Миллати тоҷик бо дарки ин матлаб, дар шӯрои муқаддасу пуршарафи мустақилияти давлатдории миллӣ таҳти роҳбарии сиёсатмадори муваффақ, ташаббускори эътирофгардидаи арсаи байналмилалӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гомҳои устувор гузошта, дар як мудати кутоҳи таърихӣ новобаста, аз вазъи сиёсии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, Тоҷикистонро аз як кишвари дар вартаи шикасти сиёсӣ қарордошта, ба як давлати рӯбаинкишофи мардумсолору ҳуқуқбунёди кафолатдиҳандаи риоя, эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд табдил дода аст.

***Т. Сангов,***
***Роҳбари намояндагии Ваколатдор***
***оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Хатлон***

## ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРӢ ДАР ПАЁМИ НАВБАТӢ



Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26 декабри соли 2019 ироа гардид, дар қатори дигар масъалаҳо ба масъалаҳои сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт низ диққати махсус дода шуд. Дар ин самт Сарвари давлат қайд намуданд, ки "Ҳукумати Тоҷикистон ба сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт ҳамчун воситаи асосии саноатикунонии босуръат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар самти беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақим тадбирҳои мушаххасро амалӣ карда истодааст. Дар солҳои 2013-2019 ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар 57,3 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки қариб 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад.

Тибқи санадҳои қабулшуда ҷалби сармояи хусусӣ бояд афзоиш ёфта, соли 2020 ҳиссаи он нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 10 фоиз расонида шавад.

Солҳои 2013-2019 барои амалисозии афзалиятҳои дар барномаҳо муайяншуда 80 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ гардида, ба иқтисодиёти мамлакат зиёда аз 13,2 миллиард сомонӣ сармояи давлатӣ равона карда шудааст.

Ҳоло дар кишвар 66 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии онҳо 32,4 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2020 татбиқи боз 23 лоиҳаи нави давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 3,8 миллиард сомонӣ оғоз меёбад». Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо ва роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор гардиданд, ки бо истифода аз захираву имкониятҳои иқтисодии кишвар фаъолияти худро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва истифодаи воситаҳои дастгириву ҳавасмандгардонии соҳибкорон ҷоннок намоянд ва ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, махсусан, дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва содироткунандагони ватанӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ бонк таъсис диҳад.

Инчунин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти соҳибкорӣ, ки асоси пешрафти иқтисодиёти мамлакат маҳсуб меёбад, ба Ҳукумати кишвар дастуру супоришҳои мушаххас доданд. Аз ҷумла, супориш дода шуд, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар масъалаи дастрасии соҳибкорон, махсусан, молистеҳсолкунандагон ба захираҳои молиявии дарозмуҳлат ва нисбатан арзон қайд карда шуд, ки он то ҳанӯз ҳамчун масъалаи ҳалталаб боқӣ мемонад. Низоми бонкӣ бояд ба рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ мусоидат намояд ва сарчашмаи асосии дастгирии молиявии ҳадафҳои давлат бошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин таъкид намуданд, ки "Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон — "Амонатбонк" бояд ҷиҳати ба таври назаррас зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт, алалхусус, бахшҳои истеҳсолӣ ва паст кардани фоизи он чораҳои таъхирнопазир андешад.

Бонки миллӣ вазифадор аст, ки якҷо бо мақомоти дахлдори давлатӣ барои дар доираи нишондиҳандаҳои пешбинишуда нигоҳ доштани сатҳи таваррум тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонад. Инчунин, бо мақсади таъсиси намояндагии бонкҳои алоҳидаи кишварҳои шарик ҷиҳати таъмини шароити беҳтар барои фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ бо сармояи шарикон чораҷӯӣ намояд».

Ҳамин тавр, мо кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вазифадорем, ки самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ муайян намудаанд, сармашқи кори худ намуда, ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва босифати он саҳмгузор бошем.

Ҳамчунин ҷиҳати мусоидат намудан ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон, ки яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро мебошад, талош варзем.

*М. Салоҳудинов,*
*сармутахассиси шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангииДастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## МИЗИ МУДАВВАР БАХШИДА БА ТАВЗЕҲИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Рӯзи 28 феврали соли ҷорӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 бо иштироки роҳбарият ва кормандон мизи мудаввар баргузор гардид.

Чорабиниро Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – У.Бобозода ифтитоҳ намуда, оид ба аҳамияти бузурги Паём дар рушди босуботи ҷумҳурӣ ва пешрафти ҳуқуқу озодиҳои инсон суханронӣ намуданд. Аз ҷумла зикр карданд, ки Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати стратегие мебошад, ки дурнамои рушди давлати тоҷиконро барои соли 2020 ва солҳои минбаъда муайян месозад.

Инчунин муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ҳабибулозода Раҷабмо дар қисмати ифтитоҳӣ суханронӣ намуда, аҳамияти Паёми навбатиро дар рушд ва пешрафти ҳуқуқи инсон хусусан кӯдакон зикр намуданд.

Дар рафти чорабинӣ иштирокчиён нуктаҳои асосии Паёмро мавриди муҳокима ва таҳлил қарор дода, бештар ба ҷанбаҳои пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Дар рафти мизи мудаввар аз тарафи кормандони мақомот дар мавзӯъҳои «Инъикоси масъалаҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ашӯров М. — сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ), «Инъикоси масъалаҳои иқтисодӣ иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон» Раҷабов Ш. — сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ), «Инъикоси масъалаҳои таълиму тарбия дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Содиқов А. — сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак) маърӯзаҳо карда шуданд.

Сипас иштирокчиёни мизи мудаввар маърӯзаҳои пешниҳодшударо мавриди муҳокима қарор дода, фикру мулоҳизаҳои худро баён намуданд.

Дар охири чорабинӣ У.Бобозода аҳамияти Паёми Президентро муҳим арзёбӣ намуда, таъкид намуданд, ки ҳар як корманди мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар иҷрои нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд саҳмгузор бошад.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ***

## ГЕНДЕРНАЯ ПОЛИТИКА В ПОСЛАНИИ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН, ЛИДЕРА НАЦИИ УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА МАДЖЛИСИ ОЛИ



26 декабря 2019 года Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в столичном дворце «Кохи Сомон» выступил с очередным ежегодным посланием к парламенту республики.

В своем послании глава государства подвел итоги уходящего года и определил приоритеты на 2020 год, включая вопросы гендерной политики государства на предстоящий период.

Так, глава страны в своем выступлении подчеркнул, что «Женщины в нашем сегодняшнем обществе играют активную роль и осуществляют плодотворную деятельность в большинстве сфер, в особенности в социальных секторах».

Молодое поколение нашей страны с её осознанием высокой ответственности, твердой волей, патриотизмом, верой к национальным святыням, проникновенным умом доказала правильность выбранного Лидером нации пути по благоустройству Родины.

Так, в настоящее время число женщин в сфере образования составляет более 70 процентов, здравоохранения и социальной защиты населения около 70 процентов, культуры более 50 процентов, а среди государственных служащих почти 25 процентов, поэтому и в дальнейшем, выполняя Указ Президента о повышении социального статуса женщин в обществе, государство намерено их привлекать на государственные и руководящие должности.

Далее, Президент страны также с удовлетворением отметил, что женщины и девушки наряду с мужчинами принимают активное участие в реализации государственной политики и вносят достойный вклад в развитие светского и демократического общества, так как молодежь является продолжателем начатого старшим поколением дела, созидательной силой и реальной мощью общества, безусловно, продолжателем нации и государства.

Сегодня число молодежи увеличивается во всех сферах народного хозяйства, в том числе промышленности, строительстве, образовании, здравоохранении и сельского хозяйства.

На сегодняшний день более 257 тысяч молодых людей, 30 процентов из которых составляют девушки, охвачены учебой внутри страны и за рубежом, поэтому в целях укрепления нормативно-правовой основы сферы и дальнейшей защиты прав и интересов молодежи соответствующим органам было поручено разработать в новой редакции и представить Правительству страны Закон Республики Таджикистан «О молодежи и государственной молодежной политики» и «Стратегию государственной молодежной политики до 2030 года», потому что воспитание молодежи в духе национального самосознания, верности государству и народу, толерантности, патриотизма и почитания национальных ценностей является важнейшей задачей всех структур, органов и общества в целом.

***Мамаджанова М.,***
***ведущий специалист Представительства Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан по Согдийской области***

## ВОХӮРИИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН УМЕД БОБОЗОДА БО ОМБУДСМЕНИ ҶУМҲУРИИ ГУРҶИСТОН ХОНУМ НИНО ЛОМДЖАРИЯ



Рӯзи 14 феврали соли 2020 дар доираи нақшаи сафари гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя аз табъиз» ба шаҳри Тбилисии Ҷумҳурии Гурҷистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода бо Омбудсмени Ҷумҳурии Гурҷистон хонум Нино Ломджария вохӯрӣ ва мулоқоти судманд анҷом доданд.

Дар вохӯрии мазкур ҳамчунин дигар намояндагони гурӯҳи кории дар боло зикргардида аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ширкат доштанд.

Зимни вохӯрӣ тарафҳо масъалаҳои марбути таҳлили қонунгузории миллии Гурҷистон дар бораи манъ ва ҳимоя аз табъиз, масъалаҳои вобаста ба амалишавӣ ва татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ ва амалии қонунгузории ҳимоя аз табъиз мавриди баррасии ҷонибҳо қарор дода шуд. Мубодилаи андешаҳо бобати таҷрибаи фаъолият ва мандати Омбудсменҳои ду кишвар, Ҷумҳурии Гурҷистон, чун мақомоти дорандаи мақоми «А»-и Алянси Глобалии ниҳодҳои миллии ҳимояи ҳуқуқӣ (GANHRI) ва Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуд. Ҳамчунин масъалаҳо вобаста ба минбаъд амалӣ намудани ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд байни Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Омбудсмени Ҷумҳурии Гурҷистон расидагӣ шуд.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ***

## РОЛЬ АППАРАТА УПОЛНОМОЧЕННОГО ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА В ПРАВОВОМ ВОСПИТАНИИ ГРАЖДАН



Повышение уровня правовой грамотности населения является основным фактором создания правового государства и гражданского общества, а также верховенства закона. Народ Таджикистана уверенными шагами идет по пути построения подлинно демократического, правового и светского государства.

Жизнь показывает, что человек, наделенный достаточными знаниями и мудростью, являющийся образованным и грамотным, в том числе в правовой сфере, сможет достичь заметных успехов в жизни, сделать ее более комфортной, созидать и строить во благо общества и своей любимой Родины.

В современную эпоху с учетом нынешних реалий и коренных изменений в мире, каждый гражданин республики должен быть грамотным в правовом отношении, в совершенстве знать свои права и в тоже время обязанности, соблюдать действующие законы страны и содействовать их реализации, ибо незнание прав влечет за собой определенные трудности. Если человек в достаточной степени не знает свои права или требования законодательства своей страны, то он может столкнуться с серьезными проблемами в жизни.

Если мы хотим встать в ряд развитых стран мира, то граждане должны последовательно совершенствовать свои знания в правовой области и знать о новшествах в законодательстве республики. Не надо ограничивать себя в этом, а наоборот стремиться к изучению тех или иных законов, национальных стратегий и программ, охватывающие различные отрасли народного хозяйства и сферы жизни нашего общества. В совершенстве зная их, каждый гражданин сможет отстаивать свои права в той или иной жизненной ситуации и быть уверенным в правоте своих законных требований.

Основной задачей Уполномоченного по правам человека Республики Таджикистан является обеспечение защиты прав и свобод гражданина и человека, гарантированных Конституцией страны и содействовать их восстановлению в случаях их нарушения.

Сотрудники Аппарата Уполномоченного по правам человека Республики Таджикистан наравне с правоохранительными органами ведут значитель-ную работу по повышению правовой грамотности населения и направляют свои усилия, знания и опыт на повышение уровня правовой грамотности населения, особенно подростков и молодежи, которые должны идти в ногу со временем и вносить свой достойный вклад в построение демократического и правового общества, благоустройства, планомерное развитие и дальнейшее процветание нашего независимого государства.

***Хамидов Н.А.,***
***Руководитель Представительства Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан по Согдийской области***

## МИЗИ МУДАВВАР БАХШИДА БА 27-УМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Рӯзи 21 феврали соли чорӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бахшида ба «Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳуриии Тоҷикистон» бо иштироки роҳбарият ва кормандони мақомот мизи мудаввар баргузор гардид.

Чорабиниро Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон — У.Бобозода оғоз намуда, қайд намуданд, ки ҳар як давлат дар ҳифзи суботу амнияти худ ба қувваҳои мусаллаҳ такя мекунад. Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар тули 27 соли фаъолияти худ ҳамчун такягоҳи асосии давлат ва сипари боэътимоди миллат, барои ҳифзи марзу бум ва пуштибонии сулҳу субот хизматҳои беназир намудааст.

Сипас муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ваколатдор оид ба хуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон — Р. Ҳабибулозода аз таърихи ташкил ва нақши Қувваҳои Мусаллаҳ дар таҳкими сулҳу субот дар кишвар суханронӣ намуда, инчунин зикр намуданд, ки барои ҷавонон хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат муҳимтарин мактаби обутоби ҳаётӣ мебошад. Маҳз дар ҳамин ҷо онҳо сабақи шуҷоату мардонагӣ гирифта, муҳофизат кардани хоки поки Ватанро меомӯзанд.

Инчуни Нидоев Ҳ. – муовини сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ бахшида ба 27-умин солгарди Қувваҳои Мусаллаҳ маърӯза намуданд. Қайд карда шуд, ки дар муддати 27 соли гузашта ба дӯши хизматчиёни ҳарбии мамлакат иҷрои вазифаҳое гузошта шуда буданд, ки тақдири миллат ва сулҳу субот аз ҳалли онҳо вобаста буд ва ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ аз уҳдаи иҷрои рисолати касбиашон бо сарбаландӣ баромаданд.

Ҳамчунин аз суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёддовар шуданд, ки дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта буд: “Мо ба Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон эътимоди комил дорем ва дилпурем, ки онҳо минбаъд низ истиқлолияту озодии Тоҷикистони маҳбубамон, амнияти давлат ва суботу оромии мардуми моро чун сипар ҳимоя мекунанд”.

Баъдан кормандони мақомот вобаста ба аҳамият ва нақши Қувваҳои Мусаллаҳ дар таъмини субот ва оромии давлат мулоҳизаронӣ намуданд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар қатори дигар самтҳо, ба самти риояи ҳуқуқи хизматчиёнӣ ҳарбӣ низ пайваста мароқ зоҳир намуда, мониторингу чорабиниҳои мухталифро дар қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор менамояд.

Аз соли 2014 инҷониб аз тарафи Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мониторингҳо гузаронида мешавад. Инчунин кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба хукуки инсон дар якҷояги бо Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти ҷамъиятии «Дафтари озодихои шахрвандӣ» дар қисмҳои ҳарбии вазорат дар мавзӯъҳои «Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ», «Пешгирии терроризм ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон», «Муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ» ва ғ. мизҳои мудаввар доир намудаанд.

Дар охири чорабинӣ У.Бобозода ҳозиринро ба муносибати 27-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар табрику таҳният намуда, онҳоро ба расидан ба қадри истиқлолият, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, эҳсоси ватанпарастӣ, бедории маънавӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ даъват намуданд.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ***

## МАСЪАЛАИ МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ТЕРРОРИЗМ ДАР ПАЁМИ НАВБАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




Дар ҷаҳони имрӯза хатари терроризм ва гурӯҳҳои ифротгаро яке аз масъалаҳои ташвишовар буда, хусусиятҳои он аз ҷониби илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ин ҷарраёни номатлуб ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда, барои пешгирии он тамоми кишварҳои ҷаҳон роҳу усулҳои мухталифи самарабахшро истифода карда истодаанд.

Воқеист, ки дар замони муосир мубориза бар зидди ин гуна қувваҳои ифротӣ-террористӣ моро водор месозад, ки тамоми кӯшишҳоямонро бар зидди ин амалҳои номатлуб равона намоем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон, ки 26 декабри соли 2019 ироа намуданд, қайд карданд, ки “Амалҳои даҳшатноки террористӣ”, ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни олам содир гардида, боиси марги ҳазорон одамон бегуноҳ шуда истодаанд, возеҳ нишон медиҳанд, ки терроризм имрӯз ба таҳдиди воқеиву ҷиддӣ ба амнияту суботи ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст.

Инсоният дар симои терроризми байналмиллалӣ ба душмани бераҳму шафқат ва маккоре рӯ ба рӯ омадааст, ки ҳамаи арзишҳои умумиинсониро поймол карда, барои расидан ба амалҳои нопоки худ аз ваҳшониятҳо руй намегардонад”.

Ҳамин аст, ки Роҳбари давлат аз минбарҳои Созмони Миллали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмиллалӣ таъкид намудаанд, ки «Террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад».

Терроризм тули солҳои охир оқибатҳои зиёди харобиовар ва талафоти зиёдро аз худ боқӣ мондааст ва монеи инкишофи озодонаи ҷомеаи ором гардидааст. Махсусан, Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба ин ҳодисаҳо бетараф намебошад.

Бояд қайд намуд, ки ҳаракатҳои террористӣ дар ҷаҳони имрӯза гуногун буда, онҳоро асосан ду унсури умумӣ ба ҳам муттаҳид кардааст: аввалан онҳо барои халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ ва суст кардани пояҳои ҳокимияти давлатӣ равона гардида, баъдан ин амалҳо ва ҳаракатҳо дар байни аҳолӣ ҳиссиёти тарс ва оҷизиро ба вуҷуд меоварад.

Вобаста ба вазъияте, ки имрӯз дар ҷаҳон ба амал омада истодааст, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати кишварҳои дунё – ин мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм мебошад.

Мо, ҷавонон ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша аз суханони Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайравӣ намуда, терроризм ва экстремизмро, ки ҳамзамон вайронкунии кулли ҳуқуқи инсон низ ба ҳисоб меравад, ҳамаҷониба маҳкум менамоем, барои ҳифзи Ватани хеш ҳамеша омодаем ва сиёсати хирадмандонаю бунёдкоронаи Пешвои миллатро дар ин самт ва дигар самтҳо пайгирӣ намоем.

***Қурбонов А.,***
***нозир-коргузори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## МИЗИ МУДАВВАР БАХШИДА БА РӮЗИ МОДАР



Рӯзи 6 марти соли ҷорӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо иштироки роҳбарият ва кормандони мақомот бахшида ба «Рӯзи Модар» мизи мудаввар баргузор гардид.

Чорабиниро Умед Бобозода — Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ намуда, сараввал бонувони мақомотро бо иди Модарон табрик намуданд. Қайд гардид, ки мардуми соҳибфарҳанги мо аз қадимулайём ба қадру мартабаи волои модар арҷ мегузоранд ва ба ҷо овардани ҳурмату эҳтироми ӯ то ба имрӯз яке аз суннатҳои миллии мо ба шумор меравад. Ин аст, ки бо саъю талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми зан дар ҷомеаи мо рӯз ба рӯз боло бардошта шуда, Ҳукумати кишвар вобаста ба таҳкими мақому манзалат ва риояи ҳуқуқи занон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт пайваста тадбирҳо меандешад.

Сипас аз ҷониби Давлатов Ҳ. — сармутахассиси шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар мавзӯи “Модар — азизтарин шахс дар рӯи замин” маърӯза карда шуд.

Дар маърӯза аз таърихи пайдоиш ва ҷашнгирии рӯзи занон дар саросари ҷаҳон ёдоварӣ гардида, қайд карда шуд, ки ҳуқуқи зан дар санадҳои асосии ҳуқуқии байналмилалӣ аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, паймонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дарҷ гардида, санади байналмилалии махсус яъне Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон қабул гардидааст. Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ин санадҳоро ба тасвиб р асонида, қонунгузории миллиро ба онҳо мутобиқ намудааст.

Бинобар ин ҷашни расмии давлатӣ эълон гардидани Рӯзи Модар яке аз иқдомҳои Ҳукумати кишвар баҳри боз ҳам баланд бардоштани мақоми зан – модар дар ҷомеа мебошад.

Сипас дигар иштирокчиёни мизи мудаввар дар мавриди қадру манзалати зан – модар фикру мулоҳизаронӣ карда, бонувони мақомотро бо ин ҷашни пуршукуҳ табрик намуданд.

Дар охири чорабинӣ ба бонувон тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардида, У.Бобозода бори дигар онҳоро ба муносибати Рӯзи Модар самимона табрик гуфта, ба аҳли хонаводаи ҳар яки онҳо бахту саодат, ободиву осоиштагӣ ва хушҳоливу хушрӯзиро таманно намуданд.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ***

## МОДАР — АЗИЗТАРИН ШАХС ДАР РӮИ ЗАМИН



Модар шахси муқаддас аст. Вақте, ки симои ӯро пеши назар меорем, ҳис менамоем, ки аз чашмонаш, аз тамоми ҳастиаш нур меборад. Ин нур роҳи ояндаи ҳаётро равшан месозад.

Модар роҳнамои фарзанд буда, аз ҳама қимматтарину азизтарин шахс дар олами ҳастӣ мебошад. Меҳри беҳамтои модар ба мисли хуршеди олам аст, ки ба тамоми олам саховатмандона нур мепошад, ишқи поки модар ба мисоли чашмаҳои пурҷушест, ки дашту биёбонро гулистон мекунад. Ширинтарину гуворотарин ва азизтарин сухан ин калимаи «Модар» аст.

Ривоят мекунанд, ки Худованд накҳат аз гул, нӯш аз ангубин, гармӣ аз офтоб, тароват аз борон, шукӯҳ аз осмон, борондагӣ аз абр, равшанӣ аз сӯбҳ, зебоӣ аз баҳору хушилҳомӣ аз андалебро қатра — қатра ҷамъ оварда занро офарид, то ҷаҳонро равшану инсониятро хушбахт гардонад.

«Модар» дар зери ин панҷ ҳарф чӣ кадар меҳру муҳаббат, хушгуфторию хушрафторӣ, бузургию муҷассамаи хоксорӣ ниҳон аст. Дар олам муқаддастар аз Модар мавҷудоте нест. Оре, тамоми ҳастии вуҷуди мо аз Модар аст, маҳз бо туфайли ҷонбозиҳои Модар мо ба дунё омадаем.

Аз ин ҷост, ки мо ӯро муқаддас мешуморему дар лаҳзаҳои душвортарин ҳаёт номашро ба забон мегиреему мегуем: Модар, Модарҷон!

Меҳру муҳаббати самимии Модар ва шабзиндадориҳои ӯро бо ҳеҷ чиз баробар карда намешавад. Калимаи «Модар» калимаест, ки дар тамоми забонҳои ҷаҳон якхел оҳанги навозишкорона дорад. Новобаста аз он, ки синни инсон ба чанде, расида бошад хоҳ пир бошад, хоҳ ҷавон ба дуои Модар ниёз дорад.

Модар бе ту ҳеҷ баҳоре зебо ва ҳеҷ тирамоҳе пурфайз нест, ҳар як тори муятро мепарастам, зеро муи чун шаб сиёҳу рӯи чун моҳ сапедат барои ба камол расидани чигарбандонат сапед гаштаву дар рухсораҳои гули садбаргат ожангҳо падид омадаанд. Тамоми умр баҳри пешравию саодатмандии рузгори фарзандонат кушиш кардаӣ ва ба зиндагии мо шукӯҳу шаҳомат бахшидаӣ.

Модар арзандаи ҳамагуна эҳтирому дӯстдорист. Зеро, меҳрубонтарин шахси рӯи олам аст ва фарзандро дар ҳама ҳолат дастгир асту дилсӯзу бахшанда. Навозиши дастони Модар ба - рои фарзанд беҳтарин истироҳат аст. Модар дар вақти ба дунё овардани тифли худ бо марг даст ба гиребон мешавад. Баъди ба дунё омадани ӯ тамоми ранҷи кашидааш аз сараш дур шуда, аз ду чашмони сиёҳаш ашк мерезад ва мегуяд фарзандам тамоми ҳастиям аст.

Оре, давлати фарзанд Модар аст. Симои ин шахсияти нотакрор дар адабиёт мақоми хоса дорад. Шоирону адибони олам симои воқеии ӯро тасвир намуда, номашро то авҷи Сурайё баровардаанд. Модар ба чунин қадрдониҳо сазовор аст.

Бале, зиндагӣ худ шеъру достон аст, ки бо «аллаи» Модар ибтидо гирифта, бо номи он хотима меёбад. Ана ҳамин бузургию шаҳомати ӯро ба назар гирифта, Модарро мисли Ватан медонем. Ҳар фарзанде, ки қиммати Модарро донад, бо дуояш хушбахту шӯҳратёр мегардад ва дасти дуояш калиди дари хушбахтиҳо мегардад.

Дигар бузургии Модар пеш аз ҳама дар он таҷассум меёбад, ки ӯ дар қатори чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбиякунанда ва бакамолрасонандаи фарзанд, инчунин нигоҳдорандаи забон, таърих ва фарҳанги миллии худ мебошад.

Бале, ҳақ бар, ҷониби гуфтаҳои болост. Дар ҳақиқат Модар қиматтарин неъмати рӯи дунё, сарчашмаи муҳабати беканор, чашмаи мусаффо ва маҳзани ганҷи фарзанд, қимматбаландтарин шахси рӯи олам аст. Маҳз меҳри бепоён ва навозиши гарми Модар моро ба оламу одам ошно сохтааст. Заҳмати шабонарӯзӣ, бедорхобӣ пурбордории ӯ танҳо ба худаш хос буда, касро ба ҳайрат меорад. Оре беҳуда нагуфтаанд:

Як шаба он ранҷ, ки модар кашид, Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид, Дар ду ҷаҳон он надида рӯи хуш, Теғаи нигоҳ ҳар ки ба рӯяш кашид.

Мо аз канори Модар дар олами рангини кӯдакӣ ба воя мерасему аз ӯ дарси одамгарию ватандӯстиро меомӯзем. Канори Модар, худ биҳишти аввалини ҳаёти мост. Модар мехоҳад, ки фарзандаш хуб ба воя расида, мададгору асои даврони пириаш гардад. Инсон маҳз баъд аз раҳо гаштан аз оғӯши гарми модар қимати ӯро дарк мекунад.

Аҷаб дунёи рангину зебо дорад «Модар». Мутаассифона, на ҳама вақт мо ба иззати ин ганҷи бебаҳо расида метавонем. Гоҳ дар дарёи пуршӯри ҷавонӣ, ишқу ҳавас заврақ меронему модарро фаромӯш месозем. Пас аз гузашти солҳо аз кардаю накардаи худ пушаймон гашта, ӯро ҳаргиз дигар намеёбем.

***Ҳ. Давлатов,***
***сармутахассиси шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## БАРГУЗОРИИ ТРЕНИНГ ДАР ДОИРАИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН БАРОИ СОЛҲОИ 2013-2020



Рӯзҳои 16-18 марти соли ҷорӣ бо ташаббуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар якҷоягӣ бо Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе дар доираи татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №678 аз 3 декабри соли 2012 тасдиқ шудааст, барои шахсони тамоси вазорату идораҳо тренинг гузаронида шуд.

Тренинг дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон — ҳуҷҷатҳо, стандартҳо, механизми ҳимоя» бо ҷалби коршиносони миллӣ баргузор гардида, дар он 26 нафар намояндагони вазорату идораҳои дахлдор иштирок намуданд.

Ҳадафи асосии тренинг баланд бардоштани савияи дониши шахсони тамоси вазорату идораҳо вобаста ба иҷрои ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Дар доираи барномаи тренинг бо истифода аз усулҳои интерактивӣ мавзӯъҳои озодии муттаҳид шудан, озодии ибрози ақида, ҳуқуқҳои кӯдак дар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва ғайраҳо мавриди омӯзиши иштирокчиён қарор гирифт.

Ёдовар бояд шуд, ки ин сеюмин тренинг дар доираи татбиқи давраи сеюми Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 мебошад ва баргузории боз ду тренинги дигар дар давоми сол ба нақша гирифта шудааст.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ***

## ҲАМКОРИҲОИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН БО МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР САМТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД



Тибқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ин мусоидат намудан ба ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тайи зиёда аз даҳ соли фаъолияти худ ҳамчун субъекти мусоидаткунандаи ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф гардидааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар фарқият аз дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ дорои хусусиятҳои хоси фаъолият мебошад, ки инҳоянд:

1. Фаъолияти назоратии ВҲИ як навъи фаъолияти иловагии назорат ва воситаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шарванд ба ҳисоб рафта, воситаҳои мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пурра менамояд.

2. Объекти фаъолияти назоратии ВҲИ фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилиашон мебошад.

3. Фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои ба даст овардани иттилоот оид ба вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ошкор намудани вайронкуниҳо дар таъмини ҳуқуқ, мусоидат ба барқарор намудани вайронкуниҳои ҳуқуқу озодиҳо, муроҷиат ба

субъектони салоҳиятдор бо мақсади ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор равона карда шудааст.

4. Қарори қабулнамудаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз натиҷаи санҷишҳо мазмун ва хусусияти тавсиядиҳӣ доранд.

5. Ноил шудан ба фаъолияти назоратии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон танҳо тавассути ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ имконпазир аст.

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар шаклҳои зерин ҳамкорӣ менамояд:

- табодули байниҳамдигарии иттилоот;
- қабули якҷояи шаҳрвандон;
- расонидани ёрии тарафайн ҳангоми гузаронидани мониторингу санҷишҳои риояи ҳуқуқи инсон;
- ҷалб намудани мақомоти ҳокимият ба баррасии муроҷиати шаҳрвандон;
- гузаронидани чорабиниҳои якҷоя, иштироки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ё намояндаи ӯ дар кори коллегияҳо, шӯрои ҳамоҳангсозии мушовирон, даъвати намояндагони мақомоти давлатӣ ба дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон.

Мақсади ҳамкориҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ин ташаккули сиёсат дар самти ноил гардидан ба стандартҳои олӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон буда, вазифаи ҳамкориҳо пешгирӣ намудани амалҳои (беамалии) ғайриқонунии субъектҳои таъминикунандаи ҳуқуқ, мавриди ҷазо қарор додани шахсони гунаҳгор ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад.

Субъектони асосии давлатии ҳамкориҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мақомоти судӣ, прокуратура, мақомоти иҷроияи ҳокимият ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба шумор мераванд, ки дар самти ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда, рӯёнидани товони зарар ва дигарҳо дорои ваколатҳои зарурӣ мебошанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти зикргардида ҳамкориҳои зеринро ба роҳ мемонад:

1. Гузаронидани санҷишҳо оид ба шикоятҳо. Дар раванди санҷиши шикоятҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба субъектони ҳамкориҳо барои мусоидат дар тасдиқ намудан ё рад кардани ҳолатҳое, ки бояд маълум карда шаванд, муроҷиат менамояд. Ҳамкориҳо тасмими гирифтани ёрии ботахассуси мутахассис, маҳорат, малака, таҷрибаи зарурӣ дар фаъолияти субъектони ҳамкориҳо, гузаронидани тадқиқотҳои экспертӣ ва омодакунии хулосаҳоро доранд. Натиҷаи чунин ҳамкориҳо ин гирифтани иттилоот оид ба моҳияти шикоят мебошад.

Баъзан дар шикоятҳо ҳолатҳои вайронкунии эҳтимолии ҳуқуқи инсон нишон дода мешаванд. Дар чунин мавридҳо роҳбарони субъектони ҳамкориҳо ба таври фаврӣ бояд Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ё намояндаи ӯро қабул намоянд, барои ташриф ба бино ва ҳудуди худ, инчунин иштироки онҳо дар ҷаласаҳои мақомоти коллегиалӣ мусоидат намоянд.

Ба таркиби ҳамкориҳо пешниҳод намудани маълумот, ҳуҷҷатҳо, маводҳои зарурӣ барои баррасии муроҷиат, ки маълумотҳои дар муроҷиат овардашударо тасдиқ ё инкор мекунанд, шинос шудан бо парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки вобаста ба онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, инчунин бо парвандаҳои қатъгашта ё маводе, ки оид ба онҳо аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст, бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумотҳое, ки дорои сирри давлатӣ, тафтишотӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, инчунин рӯйнавис ё нусхабардорӣ намудани маълумоти зарурӣ аз онҳо доҳил мешаванд.

2. Шакли дуюми ҳамкориҳо табодули байниҳамдигарии иттилоот мебошад, ки дар он саривақт гирифтани иттилоот аҳамияти махсус дорад.

3. Шакли сеюми ҳамкориҳо ирсол намудани тавсияҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба субъектони ҳамкориҳо мебошад. Пешниҳоди тавсияҳо ин натиҷагирӣ аз ҳамкориҳо буда, дорои мулоҳизаҳо оид ба аз байн бурдани вайронкуниҳои ошкоргардида дар соҳаи ҳуқуқи инсон ё пешгирии чунин вайронкуниҳо мебошад.

4. Шакли чоруми ҳамкориҳо – шомил шудани субъектони ҳамкориҳо ба ҳайати мақомоти гуногуни машваратӣ, иштирок дар гурӯҳҳои корӣ, комиссияҳо ва дигарҳо ба шумор меравад.

5. Шакли панҷуми ҳамкориҳо ин баррасии маърӯзаи ҳарсолаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби субъектони ҳамкориҳо мебошад.

Тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳар сол на дертар аз моҳи феврал Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар бораи фаъолияти худ ва вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти даҳлдор маърӯза ирсол менамояд.

Дар маърӯзаи ҳарсолаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мумкин аст маълумотҳо дар бораи баррасии шикоятҳо, муҳолифат дар байни санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, иҳтилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, норасоӣ дар қонунгузорӣ ва дигар мушкилот дар самти ҳуқуқи инсон, инчунин пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дарҷ гарданд.

Натиҷагирӣ аз фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки фақат ҳамкориҳои судманди байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонад ба риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат намояд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади тақвияти ҳамкориҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд соли 2020 баргузории як қатор вохӯриҳоро бо роҳбарият ва кормандону мақомоту идораҳои даҳлдор ба нақша гирифтааст. Боварӣ ҳаст, ки вохӯрӣ ва ҳамкориҳои тарафайн ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамоянд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон омода аст, ки бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар самти риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монад.

*Ашӯров М.,*
*сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## ИШТИРОК ДАР ЧОРАБИНИИ ҶАМЪИЯТӢ-ВАРЗИШИИ ДАВИ МИЛЛӢ



Субҳи рӯзи 14 марти соли ҷорӣ роҳбарият ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии оммавии дави миллӣ иштирок намуданд.

Ин чорабинии ҷамъиятӣ-варзишӣ аз соли 2007 инҷониб бо мақсади таҳкими тарзи ҳаёти солим, рушду инкишофи соҳаи варзиш ва оммавияти он байни аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Дар чорабинӣ ба таври дастаҷамъона сокинону меҳмонони шаҳри Душанбе донишҷуёни макотиби олӣ ва намояндагони касбу кори гуногун иштирок намуданд.

Дар ин рӯз на танҳо дар шаҳри Душанбе, балки дар саросари ҷумҳурӣ чорабинии дави миллӣ гузаронида мешавад, ки садҳо ҳазор сокинону меҳмонони мамлакат дар баргузории он фаъолона саҳм мегузоранд.

Чунин чорабиниҳо пеш аз ҳама ба таблиғи тарзи ҳаёти солим, муттаҳидӣ ва Ваҳдати миллӣ мусоидат мекунанд.

*Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ*

